Такриз

ба автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна

**«Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ»** (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ

(илмҳои педагогӣ)

Мавзӯи таҳқиқотии интихоб намудаи **Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна** мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавии раванди таълим ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшид шудааст .

Дар баробари соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба танзим даровардани соҳаи маориф таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, қонун ва қарорҳои заруриро қабул кард.

Дар моддаи 41 Сарқонуни Ҷумхурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «ҳар як шахс ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии хатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад». Дуввум ҳуҷҷати муҳим оид ба маориф «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Он аз баёни мафҳумҳои таҳсилот маълумот ва ҳашт боб иборат буда, дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян месозад ва тамоюлоти инкишофи ин системаи аҳамияти стратегӣ доштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ташкили фазои ягонаи таҳсилот як қатор ҳуҷҷатхои муҳими давлатиро ба табъ расонидааст, ки тағйирпазирӣ ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилотро тақозо менамояд. Тибқи талаботи мазкур бояд низоми сифатан нави таҳсилот эҳё карда шавад, ки мазмуну мундариҷаи он ба беҳдошти ҳаёти инсон асос гузорад, тафаккур, заковати фикрӣ, шуур, маънавиёт ва ҳунари эҷодгарии ӯро ба ҳаракат оварад.

Дар ин ҳуҷҷат инчунин гуфта шудааст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забони русӣ, англисӣ ва арабӣ дар ҳамбастагӣ бо забони модарӣ аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад ва тамоми марҳилаи таҳсилотро фаро мегирад. Зарурати омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмӣ-техникӣ ва воситаи муоширати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифта шавад.

«Методикаи таълими забони хориҷӣ» ба қавоиди илми забоншиносӣ такя мекунад, зеро ҳангоми таълим хусусиятҳои асосии фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии забон чун воситаи муошират омӯзонида мешавад. Билхоса хонандагон ба қоидаҳои истифодаи воҳидҳои забон, хосиятҳои услубии онҳо дар контекстҳои гуногун, тафовутҳои функсионалию семантикии онҳо, намудҳои нутқ, андаке ба фарқияти байни воҳидҳои забон ва нутқ ошно мегарданд.

Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ дар шуури хонандагон баҳамбархӯрии системаи ду забон – модарӣ ва хориҷӣ бо вуқӯъ мепазирад. Ин раванди психолингвистӣ ва оқибатҳои он ба ҷараёни таълими забони хориҷӣ таъсири калон мерасонад. Зарур меояд, ки ин ду забон бо ҳам муқоиса карда шавад, то омӯзгор дараҷаи мушкилоти азбаркунии ин ё он ҳодисаро муайян карда, тариқи фаҳмондани онҳо ва паёпаии системаи машқҳоро фикр карда бароряд.

Донистани таносуби байни забон ва нутқ ягонагӣ ва тафовути байни ин ду ҳодиса барои фанни «Методикаи таълими забони хориҷӣ» аҳамияти калон дорад.

Дар илми забоншиносӣ забон гуфта системаи аломатҳои шартиеро меноманд, ки барои муоширати байни одамони ягон қавм, халқ ё миллат хизмат мекунад. Забон чун воситаи муошират дар нутқ зуҳур мекунад. Воҳидҳои забон ва қонунияти тавъамёбии онҳо маҳз дар нутқ ифода мешавад. Қоида ва нормаҳои ҷории забон барои ташаккул ва ҷараёнгирии нутқ хизмат менамояд. Дар навбати худ, нутқ барои такомул ва инкишофи забон ёрии амалӣ мерасонад. Алоқаи узвии забону нутқ дар ин ҷо барҷаста зоҳир мешавад. Дар адабиёти забоншиносӣ роҷеъ ба муносибати байни забон ва нутқ ақидаҳо гуногунанд.

Принсипи коммуникативӣ дар забони англисӣ роли муҳимеро мебозад. Нисбат ба мақсади амалӣ намудани омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муоширатӣ, бояд аз принсипи самти коммуникативӣ истифода бурда шавад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзиш бояд дар чунин роҳ яъне шифоҳӣ (шунавоӣ, шифоҳӣ) ва хаттӣ (хондан ва навиштан) ба роҳ монда шавад, ки диққати хонандагонро ба муошират ҷалб кунад. Ин принсип то андозае инъикос ёфтааст, ки ҳамаи корҳои ҳозира оид ба техника, китобҳои дарсӣ ва дастурҳо оид ба забони хориҷиро низ меомӯзонад. В. Г. Костоморова мегӯяд, ки «Бе коммуникативият…усулҳои муосири методика вуҷуд надорад» Ин дар ҳақиқат бояд вуҷуд дошта бошад. Принсипи роҳнамои коммуникативӣ ҳамаи ҷузъҳои раванди таълимро муайян мекунад.

Принсипи роҳнамои коммуникативӣ барои ташкили маводи таълимӣ: мавзӯъ, доираи муошират, вазъи коммуникативӣ шароити фароҳам муҳайё месозад. Дар раванди таълим то ҳадди имкон кам карданиҳаҷми маводи забоншиносӣ зарур аст ва дар айни замон нигоҳ доштани хусусияти коммуникативии омӯзиш ва ноил гардидан ба ҳадафҳо, муҳим аст. Аз оғози омӯзиш хонандагон ба кӯмак ниёз доранд ва омӯзгор бояд онро бо ягон воқеа ё ҳодисоти ҳаёти фаҳмонида бо забони мавриди ҳадаф қиёс кунад. Олимон чунин андеша доранд, ки таълим бояд аз амалия ба назария ҷараён гирад. Ин принсип дар бобати таълими забони хориҷӣ хусусияти хосаи худро дорад.

Таълими забони хориҷӣ тақозо мекунад, ки хонандагон бояд аз мундариҷаю воҳидҳои таълими нутқи хориҷӣ ва тариқоти истифодаи онҳо воқиф бошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ шиносоии хонандагон бо ҳодисаҳои нави грамматикӣ ва истифодаи онҳо бояд характери муоширатӣ дошта бошад. Принсипи фаъолии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ

ба аҳамияти хоса молик аст. Татқиқотҳои илмии солҳои охир исбот кардаанд, ки фаъолона муоширaт кардани донишҷӯён дар дарс аз вазифаҳои аввалиндараҷаи омӯзгор маҳсуб мешавад. Ба андешаи мо, барои таъмин намудани муошираги фаъолонаи донишҷӯён мундариҷа, роҳ ва усулҳои таълим, хусусан машқҳо бояд раванди коммуникативӣ дошта бошанд, то барои ҳарчӣ бештар гуфтугӯ кардани шогирдон имконият фароҳам оянд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррронӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф хангоми таълифи рисолаи худ ҷараёни ташаккули асосҳои дидактикии салоҳиятҳои касбии омӯзгори забони англисиро хеле хуб мавриди баррасӣ қарор дода, талаботи имрузаи ҷомеаро вобаста ба истифодаи воситаҳои коммуникатсионӣ, аз он ҷумла интернет ба инобат гирифтааст.

Дар рисола оид ба ҳар як боб хулоса таҳия шуда, дар хулосаи умумӣ пешноҳоду тавсияҳо ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани роҳҳои баланд бардоштани қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ манзур карда шудааст.

Рисолаи **Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна** дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ» **(дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)** қобили қабул буда, номбурда ба дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ сазовор аст.

Муқарриз:
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
умумидонишгоҳии забон англисии ДМТ, Саидзода Ҳ. А

**Нишонӣ**:

Телефон (+992) 935552254

Почтаи электронӣ: saidovhalim@mail.ru

Имзои Саидзода Ҳ.-ро «тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои

махсуси ДМТ Тавқиев Э.